Тақриз

ба авторeферати диссертатсияи Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Муҳиммияти мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Фозилзода Шерафкан Орзу дар он аст, ки он ба яке аз масъалаҳои калидии педагогикаи муосир, иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Пешрафти назариявӣ ва самаранокии татбиқи амалии ин раванд аз хусусиятҳои муҳити донишгоҳӣ, мавқеи фанҳои таълимӣ, сатҳи касбии ҳайати омӯзгорон, шаклҳои ташкили раванди таълим ва низоми тарбиявӣ вобастагии мустақим дорад.

Ҳадафи асосии таҳқиқотро довталаби дараҷаи илмӣ дуруст муайян карда аст, ки он аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври таҷрибавӣ санҷидани асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён мебошад, ки ба дараҷаи иҷтимоишавии шахсият таъсир мерасонад.

Муаллиф чунин мешуморад, ки иҷтимоишавӣ на танҳо натиҷаи таъсири муҳити иҷтимоӣ, балки раванди фаъоли худташаккулии шахс мебошад, ки дар он донишҷӯ мавқеи иҷтимоии худро дарк намуда, муносибати худро ба ҷомеа, касб ва арзишҳои фарҳангӣ ташаккул медиҳад. Дар ин самт, таваҷҷуҳи махсус ба нақши фаъолияти маърифатӣ, муошироти педагогӣ ва таҷрибаи иҷтимоӣ ҳамчун механизмҳои калидии ин раванд равона мегардад.

Принсипҳои ташкили фаъолияти маърифатӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дорои хусусиятҳои хос мебошанд ва ин хусусиятҳо бо сатҳи баланди мустақилият, худидоракунӣ, ангезаҳои касбӣ ва масъулияти иҷтимоии донишҷӯён алоқаманд буда, талаб менамоянд, ки равандҳои педагогӣ мутобиқ ба ин вижагиҳо тарҳрезӣ ва татбиқ гарданд.

Бо назардошти талаботи рӯзафзуни ҷомеаи муосир, зарурати таъмини суботи иҷтимоӣ, ҳамбастагии шаҳрвандӣ ва рушди устувори кишвар, муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд ба тарбияи шахсиятҳои ҳамаҷониба рушдёфта ва иҷтимоан масъул равона карда шаванд. Донишҷӯён бояд дорои сифатҳои иҷтимоӣ, фарҳанги шаҳрвандӣ,

масъулиятшиносӣ, қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда ва омодагӣ ба иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ бошанд.

Таъкид мешавад, ки иҷтимоишавӣ ҳамчун раванди муттасили воридшавии шахс ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳамзамон ҳамчун натиҷаи азхудкунии арзишҳо, меъёрҳо, идеалҳо ва намунаҳои рафтори ҷомеа баррасӣ мешавад, ки шахсиятро ҳамчун узви пуриқимати ҷомеа шакл медиҳад.

Аҳамияти илмии мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар заминаи таҳлили мукаммали таҳқиқоти илмии муосир ва заминаҳои барномавӣ-методии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асоснок карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки иҷтимоисозӣ ҳамчун раванди азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, меъёрҳои рафтор ва арзишҳои ҷомеа баррасӣ гардида, талаб мекунад, ки донишҷӯён дар ҷараёни таҳсил на танҳо фанҳои тахассусиро омӯзанд, балки қобилияти муносибати масъулона, фаъолона ва шаҳрвандона ба воқеияти иҷтимоиро низ ташаккул диҳанд. Тавре аз мутолиаи автореферати диссертатсия ошкор гардид, таҳқиқот дар 3 марҳила ба анҷом ёфта, дар ҳар марҳила корҳои муайян ва назаррас тибқи барномаи таҳқиқотӣ иҷро гардидаанд.

Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар 10 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида ва 4-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба чоп расида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

Бояд зикр кард, ки дар радифи дастовардҳо ва натиҷаҳои назарраси илмӣ баъзан нуқсонҳои техникӣ ва имлоӣ дар автореферати диссертатсия дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Камбудиҳои ҷойдошта ислоҳшаванда буда, арзиши кори илмии Фозилзода Шерафкан Орзуро ҳаргиз коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, қайд кардан мехоҳем, ки автореферат ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Фозилзода Шерафган Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи Низомномаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, ходими
пешбари шуъбаи фаъолияти
иҷтимоӣ-фарҳангии Пажуҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Табаров Н.С.

Имзои Н.С.Табаровро тасдиқ мекунам:
Нозири кадри Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии
фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон Холикова М.И.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

15.05.2026

**Нишонӣ:** 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Н. Қарабоев, 17 (ошёнаи 2).
**Сомонаи пажӯҳишгоҳ:** www.pitfi.tj.
**Тел.:** (+992 37) 233-58-84.